ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Наимова Фарзона Меҳрубоновна дар мавзуи «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Мукотибот қисми таркибӣ ва аз ҳар ҷиҳат бағоят арзишманди осори гаронбаҳои устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ мебошад, ки дар онҳо муҳимтарин масъала ва муаммоҳои умдатарини таърих, тамаддун, забону адабиёт ва фарҳангу маданияти оламшумули миллати куҳанбунёд, табиатан ва маънаван тамаддунофару бунёдкори тоҷик дар сатҳи баланди илмиву маънавият бо камоли маҳорат ва бағоят борикбинона вобаста ба иқтизои даврахои барои тоҷикон сарнавиштсозу ҳалкунанда ҳарҷониба равшану возеҳ бозтоб гардидаанд. Дар мукотибаи ин ду нобиғаи адабӣ ва фарҳангӣ – Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ бояд хотиррасон ва таъкид намуд, ки масъалаҳои адабиётшиносӣ аз ҳар ҷиҳат мақоми марказӣ ва меҳварӣ дошта, роҳу равиш, пайдоиш ва ташаккули адабиётшиносии навини тоҷикро бо фарогирии махсусиятҳои худ муайян мекунад ва дар айни замон чигунагии рушду нумуъ ва тамоилҳои хосси равнаки адабиёти нафисаи муосири тоҷикро низ бо камоли маҳорат нишон медиҳанд.

Диссертатсияи номзадии Наимова Ф.М. дар мавзуи «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ», ки ба таҳқиқи масоили мавриди назар бахшида шудааст, моҳиятан иқдому саҳифаи тозае дар адабиётшиносӣ ба шумор меравад. Албатта, омӯзиши муттасил, фурӯ рафтан ба умқи масоили матраҳшаванда, борикбинона баррасӣ кардан ва таҳлилу натиҷагириҳои умедбахш анҷом додан, табиист, ки аз муҳаққиқ бинишу андешаҳои солимро тақозо мекунад, алалхусус ошкор сохтани ақоиди адабию эстетикии суханварону суханшиносони сатҳи ҷаҳонӣ, амсоли Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, ки ягонаи даврон дар адабу фарҳанги садаи ХХ-и тоҷикӣ эътироф гардидаанд. Хушбахтона, дар диссертатсияи Наимова Ф.М., ки аз нигоҳи сохтор аз муқаддима, чор боб ва зерфаслҳои марбути мавзуъ, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, гузориши масъала ва нукоти аслии таҳқиқӣ,

чун баррасии равобити дӯстӣ ва эҷодии Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, саҳифаҳои рӯзгор ва осори ин ду санъаткори бузург, ки дар номаҳояшон зикр гардида ва то кунун аз назари муҳаққиқон дур мондаанд, зиндагиномаи онҳо дар солҳои мудҳиши шахспарастӣ, устуворӣ, шуҷоат ва матонату саботкории эшон дар тараққии адабиёти навини тоҷик, таҳқиқи афкори адабию эстетикии ин ду адабиётшиноси маъруф, масъалаҳои мундарича ва шакл, анъана ва навоварӣ, алалхусус махсусиятҳои поэтикии адабиёт, вазн ва шеъру шоирӣ муарифӣ гардидани симоҳои машҳури адабиёти классикии тоҷику форс, баррасии номаҳо аз нигоҳи масоили таърихӣ, адабӣ, забонӣ, таъйини ҳуқуқи тоҷикон ба мероси адабӣ, ки дар солҳои 20-уму 30-юм ва 40-уми садаи XX, ки барои миллати тоҷик аҳаммияти калонро доро буд, инчунин назари Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ба осори адабию илмии якдигар ва амсоли инҳо маълумоти заруру муфид ва андешаҳои тозаву қобили таваҷҷуҳ баён шудаанд, ки арзиши илмию амалии диссертатсияро бамаротиб афзудаанд.

Аз ибтидо то интиҳо дар диссертатсияи мавриди назар истиқлоли андеша афзалият дорад ва хулосаҳои диссертант асосноку муътамад мебошанд.

Дар маҷмуъ, Наимова Ф.М. аз уҳдаи ҳаллу фасли вазифаи дар назди худ гузошта бомуваффақият баромадааст ва сазовор аст, ки диссертатсияи ӯ ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод гардад.

Доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҳмадаминов А.С.

02.05.2022.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992) 918-10-23-15
E-mail: mahmadavinov@gmail.com

Имзои А.С. Маҳмадаминовро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
02.05.2022.